Лоиҳа

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР

аз «__»______соли 2014 ш. Душанбе №___

Дар бораи тадбирҳои тадбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи граждані»

Мутобиқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи граждані», моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бо мақсади таъмини омодагии доимӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои мудофиаи граждані Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Низомномаи хадамоти мудофиаи гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Номгӯи хадамотҳои мудофиаи гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи эвакуатсионӣ, Комиссияи устуворгардонии фаъолияти соҳаҳо ва иншоотҳои иқтисодӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаи замони осоишта ва давраи ҷангӣ тасдиқ карда шавад. (замимаҳои 1, 2, 3 ва 4).

2. Раисони комиссияҳои таъсисдодашудаи мудофиаи гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати комиссияҳоро пурра гардонида омодагии доимии онҳоро таъмин намоянд.

3. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар мувофиқа бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- мақомоти идоракунанда, қувва ва воситаҳои мудофиаи граждані, таъминоти моддӣ - техникӣ, таъмир, муҷаҳҳазгардонӣ ва ташкил намудани иншоотҳои муҳофизатии мудофиаи граждані барои давраи ҷангӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

- бо дарназардошти сиёсати мудофиавии ҷумҳурӣ ва ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулодда барои давраи ҷангӣ, нақшаҳои мудофиаи гражданиро таҳия ва тасдиқ намоянд.

4. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо зарурати таъсис намудани фондҳои эҳтиётии воситаҳои инфиродӣ, тиббӣ, хӯрокворӣ ва дигар амволӣ мудофиаи граждані, инчунин сохтмони иншоотҳои муҳофизатиро таъсис медиҳанд.

5. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе,

шаҳрҳо ва ноҳияҳо, дигар ташкилоту муассисаҳо хадамоти мудофиаи гражданиро дар ҳудуди худ тибқи Низомномаи хадамоти мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода, фаъолияти онҳоро ба роҳ монанд.

6. Таъминоти молиявии чорабиниҳои махсуси мудофиаи граждании ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетҳои давлатӣ, ки барои вазорату идораҳо, ташкилотҳои буҷетии тобеи онҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ карда мешаванд, амалӣ мегардад. Дар дигар ташкилотҳо аз ҳисоби маблағҳои худи онҳо анҷом дода мешавад.

7. Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иҷрои талаботи қарори мазкурро ба роҳ монда, дар таъсис, фаъолияти ҳамарӯза, омодагии доимии мақомотҳо, қувва ва воситаҳои мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии амалӣ расонида аз натиҷааш ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

8. Қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шаванд:

- аз 19 апрели соли 2001, №202 «Дар бораи фаъолияти хадамоти мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- аз 30 апрели соли 2002, №192 «Дар бораи тадбирҳои тадбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ»;
- аз 3 июни соли 2006, №229 «Оид ба тасдиқи Низомномаи хадамоти мудофиаи гражданӣ»;
- аз 30 марти соли 2010, №191 «Дар бораи ворид намудани тағирот ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон